**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2014**

**ФАЛСАФА**

**УДК: 32тадж+800**

**МУЛЛОБОЕВА Д.**[1]

# АКАДЕМИК А.БАҲОВАДДИНОВ ДАР БОРАИ ҲУВВИЯИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Академик А.М. Баҳоваддинов дар баробари тадқиқоти хеле муҳим дар риштаи таърихи фалсафа ва афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик ба масъалаи муттаҳид шудани миллати тоҷик ва ҳуввияти он низ асарҳои ҷолибе талиф кардааст. Аз як тараф А. М. Баҳоваддинов ба ин проблема барои он таваҷҷуҳ зоҳир карда буд, ки дар давраи шӯравӣ ба масъалаҳои ташаккули халқият ва аз халқият ба миллат табдил ёфтани халқиятҳои вориди Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ ба ҳисоб мерафт. Академик А.М. Баҳоваддинов ба масъалаи ташаккули халқи тоҷик ҳам аз ҷиҳати сиёсию фарҳангӣ ва ҳам аз нуқтаи назари ташаккули этнографӣ хеле ҳам бо таври ҷидӣ муносибат карда, дар яке аз маърӯзаҳои худ, ки бо забони русӣ «К вопросу о Консолидации таджикской нации» ном дорад, ба ин масъала ниҳоят аҳаммияти ҷиддӣ дода буд. Бояд гуфт, ки академик Баҳоваддинов масъаларо албатта, дар партави сиёсати ҳамондавра ва дар заминаи методологияи марксистӣ таҳқиқ кардааст, вале дар ин замина низ ӯ бо такя ба фактҳои таърихӣ роҳи тай кардаи халқи тоҷик ва хусусиятҳои онро ба хубӣ, ба таври мухтасар бошад ҳам, таъкид кардааст. Бархӯрди методологии академик Баҳоваддинов ба масъалаи миллат пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки ӯ ба гуфтаҳои В.И. Ленин такя карда менависад, ки миллат на як падидаи тасодуфӣ ва зудгузар, балки умумияти устувор дар заминаи умумияти забон, ҳудуд, ҳаёти иқтисодӣ ва равонӣ мебошад, ки онҳо дар якҷоягӣ миллатро ташкил медиҳанд. Ин умумиятро бо умумиятҳои давлатӣ, динӣ ва ғайра омехта кардан мумкин нест. Аз ин ҷиҳат академик Баҳоваддинов ба чунин хулосае омадааст, ки миллат на танҳо як мақула ё категорияи одии таърихӣ, балки категорияи таърихии замони муайян аст. Дар мавриди миллати тоҷик бошад, ин миллат маҳсули замони сохтмони сотсиализм буд. Аз ҳамин мавқеи методологӣ академик Баҳоваддинов бархӯрд карда, ба чунин ақида расидааст, ки халқи тоҷик то Инқилоби Октябр роҳи сармоядориро тай накардааст. Дар байни ноҳияҳою бекигариҳо ва шаҳрҳои Тоҷикистон дар он давра робитаҳои устувор ва қавии иқтисодӣ вуҷуд надоштааст. Дар қаламрави тоҷикон муносибати феодалӣ ҳукумфармо буд. Корхонаҳои саноатӣ дар шарқи Бухоро умуман вуҷуд надоштаанд. Эҳтиёҷоти мардум ба молҳои талаботи рӯзафзун ва воситаҳои кишоварзӣ танҳо аз тариқи истеҳсолоти хонагӣ ва ҳунармандии дастӣ қонеъ карда мешуд. Аз ин ҷиҳат хоҷагии натуралӣ ва ё нимнатуралие, ки ҳукумрон буд, ба сармоядорӣ гузаштанро имконият намедод.

[1] **Адрес для корреспонденции: Муллобоева Дилфуза** – соискатель Ходжендский Государственный Университет им.Б.Гафурова Республики Таджикистан. 734025, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 34 – Микрорайон дом 7, кв.75. тел: 92 848-94 98

Роҳҳо низ вуҷуд надоштанд. Яке аз далелҳои академик А. Баҳоваддинов барои он, ки тоҷикон ҳанӯз ба миллат табдил наёфта буданд, ин аст, ки қаламраве, ки тоҷикон дар он истиқомат доштанд, беш аз ҳама қаламрави кӯҳистон буда, тақрибан роҳ вуҷуд надошт. Набудани роҳҳо ноҳияҳоро аз ҷиҳати иқтисодӣ аз ҳамдигар ҷудо карда, барои пешрафт мамониат мерасонд. Академик А. М. Баҳоваддинов қайд мекунад, ки умумияти ҳудудӣ ин на танҳо ягонагии сиёсию давлатӣ дар як қаламрав аст. Балки мавҷуд набудани алоқаҳои хоҷагӣ дар байни аҳолии дар ин ё он қаламрав ва набудани чунин робитаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳанӯз умумияте, ки онро ҳамчун миллати тоҷик ба қалам диҳем, набудааст. Мавҷуд набудани умумияти иқтисодӣ ба он вобастааст, мегӯяд академик Баҳоваддинов, ки чунин шаҳрҳо ба мисли Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Ӯротеппа, Мазори Шариф ва ғайра дар худ феодализмро таҷассум мекарданд. Бинобар ин тоҷикон худро аз рӯи маҳали истиқомат Ғармию Кӯлобӣ, Ҳисорию Бухорогӣ, Самарқандию Хуҷандӣ ва ғайра ҷудо мекарданд. Дар ин давра, яъне дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX қаламрави умумии тоҷикон ҳанӯз замини ягонаи миллӣ ва шуури аҳолии ноҳияҳо ва вилоятҳоро, ки ин ягонагиро талқин кунад, вуҷуд надоштааст. Беш аз 3 милион тоҷикон, ки дар қаламрави Афғонистон зиндагӣ мекарданд, онҳо низ дар байни худ робитаҳои қавии иқтисодӣ надоштанд ва худро ҳамеша ҳамчун тоҷик муарифӣ намекарданд [1].

Ба ақидаи академик Баҳоваддинов ба вуҷуд омадани баъзе унсурҳои саноати сармоядорӣ дар баъзе аз шаҳрҳо масъалан Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд чунин маъниро надорад, ки тоҷикон дар он давра ба роҳи инкишофи сармоядорӣ ворид шуданд. Ҷудоӣ аз ҷиҳати ҳудудӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар байни тоҷикон дар давоми чандин асрҳо ҷараёни ташаккули забони миллии тоҷикиро низ ба мамониат дучор карда буд. Бинобар ин, ба ҳамин хотир, лаҳҷаҳо ва гуфторҳои гуногун дар маҳалхои гуногун ҳукмфармо будааст. Вале забони тоҷикӣ ба ақидаи академик Баҳоваддинов ҳамчун забони халқияти тоҷик аз асри IX вучуд дорад. Ӯ бо Бертелс ҳамназарии худро иброз дошта, таъкид мекунад, ки забони дарӣ дар ҳамон давр низ ба мардуми Хуросон ва Осиёи Миёна забони модарӣ маҳсуб мешуд. Забони дарӣ дар қаламрави хеле васеъ, ки онро тахминан бо нуктаҳои ҷуғрофии Балх, Бухоро, Нишопур ва аз он низ ҷанубтар нуфуз дошт, метавон ишора кард. Як фикри хеле ҷолиб ва дурусти академик Баҳоваддинов дар масъалаи забони тоҷикӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки ба ақидаи ӯ забони тоҷикӣ яъне дарӣ ба маҳалҳои зиндагии халқи точик аз ягон ҷо наомада, балки дар минтақаҳои маскунии тоҷикон нуфуз дошта, он забони модарии гузаштагони наздики тоҷикон аст. Ҳамчунин дар заминаи дастовардҳои илмии ҳамон давра академик А. Баҳоваддинов чунин ақидаро изҳор мекунад, ки забони тоҷикӣ ё дарӣ аз асри VI бо забони паҳлавӣ якҷоя вуҷуд доштааст. Ҳамчунин он бо забони суғдӣ, ки баъдтар дар натиҷаи хуҷуми арабҳо аз байн рафт, ҷояшро ба забони дарӣ додааст. Забони дарӣ, ки забони мардуми бумӣ буд ва тадриҷ ба забони адабӣ мубадал шудааст [2].

Забони тоҷикӣ, мегӯяд академик А. Баҳоваддинов, забони таҳриф шудаи форсӣ набуда, балки тоҷикию форсӣ шаклҳои гуногун шудаи дарӣ мебошанд, ки ба он тақдири таърихии ин халқҳо сабабгоршудааст. Академик Баҳоваддинов қайд мекунад, ки то асри XIV фарқият дар байни халқҳои форсизабони Эрон ва Осиёи Миёна тақрибан вуҷуд надошт. Бинобар ин то ин давра фарқияти байни форсӣ ва тоҷикиро пайдо кардан душвор аст. Забони дарӣ умумӣ буда то асри XV дар Эрон, Осиёи Миёна ва Афғонистон ягона буд ва танҳо баъд аз ҳокимияти сафавиҳо дар Эрон, дар ибтидои асри XVI ва ҳангоме, ки алоқаҳои фарҳангӣ дар байни ин

кишварҳо заиф шуд, тағиротҳо дар ин забонҳои муосир ба вуҷуд омаданд. Академик Баҳоваддинов чунин ақида дорад, ки халқҳои Осиёи миёна аз асри XVI ба ин тараф то нимаи дуюми асри XIX, яъне то ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Руссия, дар ҳолати ҷанги доимӣ зиндагӣ мекардан. Ҷангҳои харобиовари байни хонигариҳою бекигариҳо иқтисоди бе он ҳам тараққӣ накардаи кишварро харобтар карда буд. Ин омилҳо, мегӯяд академик Баҳоваддинов, боиси ба таври куллӣ суст ҷараён гирифтани ташаккули миллатҳо гардиданд [3].

Ҳамин вазъиятро академик Баҳоваддинов дар давраи баъд аз хамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Руссия низ бе тағйир мешуморад. Зеро бесаводӣ, фақру бебизоатӣ ва истисмори хеле шадид ва шаклҳои гуногуни он ба зиндагии халқи тоҷик хос буд, ки боиси аз байн рафтани халқ мегардид. Албатта, баъзе фикрҳои академик Баҳоваддинов имрӯз қобили баҳс аст. Лекин дар маҷмӯъ, академик А. М. Баҳоваддинов дар чунин ақида аст, ки  он дар давраи шӯравӣ акидаи тақрибан қабул шуда буд ва  қатъи назар аз ин ки дар мудати зиёди таърихӣ  забони тоҷикӣ, яъне забони адабии тоҷикӣ бо забони халқ наздик буд ва қатъи назар аз боигарии фонди луғавии он ва қоидаҳои умумихалқии фонетикӣ ва орфографӣ, яъне имлоии забони тоҷикӣ, то Инқилоби Октябр ба забони ягонаи миллӣ табдил наёфта буд. Ба ақидаи академик Баҳоваддинов  забони миллӣ нисбат ба забони мардум аз ҷиҳати фонди луғавӣ ва сохти граматикӣ хеле тараққӣ кардааст ва бинобар ин вазифаҳои унверсиалӣ дорад, ки гӯйишҳо ва лаҳҷаҳои маҳалиро дар худ тобеъ намуда, ҳамчунин истилоҳоти илмию техникиро низ дар худ таҷассум кардааст  ва истилоҳоти иҷтимоӣ сиёсӣ ва рӯзгордорӣ ва касбиро низ забони тоҷикӣ соҳиб гардидааст. Барои забони ягонаи миллӣ қоидаҳои ягонаи умумимилие, ки дар адабиёт онҳо мустаҳкам мешаванд, зарур аст. Ба ақидаи академик Баҳоваддинов, ки ба таълимоти марксистӣ такя мекунад, забонҳои милии ягона дар ҳангоми ҷорӣ шудани муносибатҳои иҷтимоии буржуазӣ ба вуҷуд меоянд. Академик Баҳоваддинов чунин мешуморад, ки забон, ҳудуд, умумиятҳои фарҳангию иқтисодии тоҷикон аз давраҳои қадим вуҷуд доштанд. Вале то Инқилоби Октябр онҳо то сатҳи аломатҳои милии як миллати воҳид, нарасида буданд. Академик Баҳоваддинов ба соволе, ки чӣ гуна консолидатсияи халқи тоҷик ба миллат ба вуҷуд омад ва ин ҷараён аз ҷараёни ба вучуд омадани миллат дар шароити сармоядорӣ чӣ фарқҳое дорад, мехоҳад ҷавоб диҳад. Ӯ ақида дорад, ки ҷараёни ташаккули халқи тоҷик ва миллат на дар давраи сармоядорӣ ҳангоми мубориза и халқ барои барпо кардани сохти шӯравӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омадааст. Ва албатта  роҳбарии Ҳизби Коммунистиро дар ин масъала академик Баҳоваддинов муҳим мешуморад. Аз ҷиҳати идеологӣ бошад, А.  М.Баҳоваддинов идеологияи интернатсионализми пролетариро ҳамчун сиёсати байналмилалӣ ва ҳамкориҳои миллатҳои гуногун ва озодшудаи инсоният аз ҳар гуна  зулми иҷтимоии миллӣ зарур медонад. Ин идеология, мегӯяд академик Баҳоваддинов, дар натиҷаи Инқилоби Октябр пирӯз ва боиси ба вуҷуд омадани миллати тоҷик гардид. Зеро маҳз дар натиҷаи пирӯзии инқилоб ва таҳаввулоти бунёдии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик нобаробарии  иҷтимоӣ барҳам дода шуда, халқияти тоҷик амалан ба миллат табдил ёфтааст. Яке аз воситаҳои муҳими барҳам додани сохти феодалиро, ки барои муттаҳид шудани халқи тоҷик ва ташаккул ёфтани ӯ ба миллат мусоидат кардааст, мубориза ба муқобили босмачигарӣ ва барҳам додани он медонад, ки баъд аз он саноат, соҳаи кишоварзӣ ва фарҳанги халқи тоҷик бо суръати баланд таркқӣ карда буд. Масъалан, академик Баҳоваддинов мисол меорад, ки агар маҷмӯи маҳсулоти саноат аз  соли 1913 то соли 1940 дар Иттиҳоди Шӯравӣ 10, 9 маротиба зиёд шуда бошад, пас дар

Ҷумҳурии сотсиалистии Тоҷикистон он ба 24, 2 баробар зиёд шудааст. Ҳамчунин бисёр далелҳои омориро академик Баҳоваддинов меорад, ки далели тараққиёти халқи тоҷик буда, ба ҷараёни ба миллат табдил ёфтани он мусоидат кардаанд. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки академик А.М. Баҳоваддинов барои нишон додани ба миллат табдил ёфтани халқи тоҷик меорад, ба ғайр аз саноатӣ шудан ва тараққиёти соҳаи кишоварзӣ, ба вуҷуд омадани шароити муҳим барои бо кор таъмин шудани мардум мебошад. Зеро маҳз тавасути бо кор таъмин шудани халқ ва пешрафти истеҳсолот иҷтимоӣ беҳбуд меёбад [3].

Аз ин ҷиҳат, академик А.М.Баҳоваддинов хамчун мубаллиғи ҷиддии давлати Шӯравӣ таъғироти таърихии коллективонидани соли 1929- ро аз ҷиҳати аҳамияташ бо табаддулоти инқилоби 1917 баробар медонад. Ҷиҳати дигар, ташкили колхозҳо буд, ки корҳои кишоварзӣ бо воситаи техникаҳои хоҷагии қишлоқ сермаҳсул гардидаанд. Гузаронидани корҳои ирригационӣ, сохтмони каналҳо, васеъ кардани майдонҳои кишт, боло бурдани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ба дигар шудани шуури деҳқонон сабаб шуд. Ҳамзамон ба ақидаи академик Баҳоваддинов бе барҳам додани нобаробарии соҳаи фарҳанг ба ваҳдати умумимиллӣ расидан номумкин аст. Аз ин ҷиҳат инқилоби фарҳангие, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омад, барои халқи тоҷик низ аҳамияти ҳалкунанда дошт. Дар Тоҷикистон ба монанди гӯшаҳои қафомондаи Иттиҳоди Шӯравӣ теъдоди зиёди мактабҳо, техникумҳо, мактабҳои олӣ, институтҳои илмӣ тадқиқотӣ ва муассисаҳои фарҳангию маърифатии зиёд сохта шуданд. Ва халқи тоҷик дар муддати кӯтоҳ дар соҳаи фарҳанг дастовардҳои зиёдеро ноил гашт. Махсусан бесаводӣ комилан аз байн бардошта шуд. Китобхонаҳо, теъдоди зиёди нашри китобҳо ва рӯзномаҳо ба забони миллӣ боиси босавод шудани мардум гардид. Чунон ки академик А.М. Баҳоваддинов бо такя ба рақамҳои омории расмӣ зикр мекунад дар соли 1940 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2852 мактаб, ки дар он 277,4 ҳазор талабагон таҳсил мекарданд. Панҷ институти педагогию, тиббию, хоҷагии қишлоқ 20 институти илмӣ – тадқиқотӣ, 400 китобхона, ки дорои 495 000 китоб будааст дар ҷумҳурӣ фаолият мекарданд. Ба ақидаи академик А. М. Баҳоваддинов ҳамаи ин муваффақиятҳо ба раванди ташаккули ҳуввияти миллӣ боис гардиданд. Ва академик Баҳоваддинов дар рӯҳияи сиёсати ҳамон давра таъкид мекунад, ки ҳамаи ин муваффақиятҳо ва ташаккули миллати сотсиалистии тоҷик таҳти роҳбарии синфи коргар ва ҳизби коммунист ва дӯстии халқҳо амалӣ гардидаанд. Ва дар хулосаи андешаҳои худ академик Баҳоваддинов қайд мекунад, ки ҳамаи он аломатҳое, ки миллати тоҷикро ба ҳайси миллат муайяан мекунад то соли 1936 ум, ки аз тарафи анҷумани VIII умумиттифоқии Шӯроҳо конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ кабул гардид, инкишофи пурра ёфтанд. Вале Баҳоваддинов ба таври илмӣ қайд мекунад, ки баъзе унсурҳои миллати тоҷик хеле дуру дароз инкишоф ёфтаанд ва таърихи тӯлони доранд. Аммо баъзе хусусиятҳои он баъдтар ба вуҷуд омаданд. Масалан, забони тоҷикӣ, ки офарандаи он халқи тоҷик аст, ҳамчун забони халқият дар асри IX ташакул ёфтааст. Ва ин забон, мегӯяд ӯ, дар заминаи лаҳаҷаҳои эронии шарқӣ дар қаламрави Суғду Тохаристону Хуросон ба вуҷуд омадааст. Бинобар ин забони имрӯзаи тоҷик аз ҷиҳати сохти граматикии худ аз забони Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Абӯ Алӣ ибни Сино, ки дар асрҳои X - XI эъҷод кардаанд, хеле кам фарқ дорад. Ба ақидаи академик А. М. Баҳоваддинов ташаккули халқияти тоҷик дар асри IX ба итмом расидааст. Дар заминаи ба ҳам муттаҳид шудани қабилаҳои Осиёи Миёна халқияти ягона дар территорияи ягона ба вучуд омадааст. Зеро халқияти тоҷик дар даврае ба вуҷуд омад, ки давлати феодалии мутамаркази сомониҳо ҳамчун давлати тоҷиконзуҳур кардааст. Академик Баҳоваддинов дар

хотимаи мақолаи пурарзиши худ таъкид мекунад, ки халқи тоҷик роҳи инкишофи капаталистиро яъне сармоядориро тай накарда буд, бинобар ин заминаи иқтисодии муттаҳидӣ ва ташаккули миллати сотсиалистии тоҷик ба тарзи истеҳсолоти сотсиалистӣ вобаста мебошад, ки муносибатҳои иҷтимоии сотсиалистии дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҳукмрон буда, боиси ташаккул ва таҳкими он гардидааст [2].

Хулоса метавон гуфт, ки дар асарҳои академик Баҳоваддинов оид ба ин масъала ду ҷиҳати муҳим ба мушоҳида мерасад. Яке, муносибати илмӣ таърихӣ, ки аз дониши амиқи ӯ дар бораи марҳилаҳои асосии ташаккули миллати тоҷик гувоҳӣ медиҳанд ва ҷиҳати дуввум тобеъ будани академик Баҳоваддинов ба идеологияи замон ва сиёсати давлати Шӯравӣ, ки тамоми тараққиёти халқи тоҷикро маҳз ба давлати Шӯравӣ, халқи рус ва ҳизби коммунистӣ вобаста медонад.

Адабиёт
1. Багоутдинов А. М. Очерки по истории таджикской философии. - Сталинабад, 1961.
2. А.М. Баҳоваддинов – поягузори таҳқиқоти навини фалсафӣ. – Душанбе, 2001.
3. К вопросу о консолидации таджикской нации. В кн.: Богоутдинов А. М. Избранные произведения. Д., «Дониш», 1980.

**МУЛЛОБОЕВА Д.**

## АКАДЕМИК А.БОГОУТДИНОВ О КОНСОЛИДАЦИИ ТАДЖИКСКОЙ НАЦИИ

В статье речь идёт о том, что академик А.Богоутдинов наряду с важными свими исследованиями в области истории философии, в особенности истории таджикской философии, уделял особое внимание и вопросу формирования таджиков как нация. По мнению учёного, который всецело придерживается марксистской методологии, таджики формировались в нацию после победы Октябрьской революции и образования советского государства. Именно в этот период, как считает академик А.Богоутдинов, территориальная и экономическая общность позволили таджикскому народу формироваться в нацию. Язык таджикский как древний язык стал языком науки, культуры и общенародного средства общения со времени Саманидов, начиная с 1Х века. Но отсутствия дорог и всеобщей грамотности населения, до революции не позволяли формироваться в нацию. Это стало возможно в советское время. Работы академика А.Богоутдинова о консолидации таджикской нации имеют как историческую, так философскую ценность, в них раскрываются основные причины превращения таджиков из народности в нацию.

**Ключевые слова:** нация, консолидация, национальное строительство, экономические и культурные условия.

**MULLOBOEVA D.**

## ACADEMIC A. BAHOVADDINOV’S POINT OF VIEW ON CONSOLIDATION OF TAJIK NATION

In the article it is shown that had paid special attention to the problem of formation of tajik nation. Academic A. Bahovaddinov considers that territorial and economical unity let tajik folk to form as a nation Tajiki language since Samanids period became the language of science and culture, but the lack of communication roads and low rate of literacy before October Revolution didn’t allow them to consolidate. The heritage of Bahovaddinov about consolidation of tajik nation are still actual nowadays.

**Keywords:** nation, consolidation, nation building, economic and cultural condition